## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии докторанти (PhD) Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзӯи «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ))**

Изатуллозода Рамазон Хайрулло соли 2015 ба ихтисоси 1-33010101 – Экологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи мазкур, соли 2019 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1-33010101 – Экология дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро аз рӯйи ҳамин ихтисос хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро солҳои 2019–2021 дар МТМУ №31-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгор оғоз намуда, фаъолият кардааст. Солҳои 2021–2023 ҳамчун ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фаъолият намудааст. Солҳои 2023–2024 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи Марказ дар ноҳияи Шоҳмансури Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» кор ва фаъолият кардааст.

Аз сентябри соли 2024 то феврали соли 2025 ҳамчун ходими калони имии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз феврали соли 2025 то инҷониб ба ҳайси ходими илмии шуъбаи тадқиқоти муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Изатуллозода Р.Х. таҳти унвони «Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД «Коргоҳи машинасозӣ»)» дар ҷаласаи Шурои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасдиқ гардида (протоколи №2 аз 25 феврали соли 2025), роҳбари илмӣ Зоироа Фирӯз Баҳронович - н.и.т., дотсенти кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, таъйин гардидааст. Аз соли 2022 докторанти (PhD)-ӣ шубаи экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ мебошад.

Диссертатсияи докторанти (PhD) Изатуллозода Рамазон арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ буда, муаллиф муаллиф корҳои таҳлилию таҳқиқотиро мустақилона ва дар сатҳи баланд анҷом додааст. Инчунин, дар кори диссертатсионӣ доираи васеи усулҳои таҳқиқотӣ бо истифода аз дастгоҳҳои муосир, аз ҷумла дастгоҳи прессии ПГМ-100мг4, дастгоҳи универсалии гидравликии озмоишии WES-1000B ва дастгоҳи SCHMIDT истифода шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодгардида оид ба истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ аз назари илмӣ асоснок мебошанд.

Дар доираи мавзӯи мазкур муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар нашриҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои

Дар доираи мавзӯи мазкур муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ дарёфт намудааст.

Корҳои таҳқиқотии Изатуллозода Р.Х. имконият медиҳад, ки тавассути истифодаи тафолаҳои оҳангудози дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, масъалаи коҳиш додани таъсири манфи ба муҳити зист ва саломатии инсон ҳал карда шаванд.

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиётҳои соҳавӣ, таҳлили вазифаҳои гузошташуда, фароҳам овардани шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои экспериментали, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, ҷамъбасти мазмуни асосӣ, инчунин таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ ифода меёбад.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, докторанти (PhD) Изатуллозода Рамазон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060800 – Экология (6D060803 – Экология (илмҳои техникӣ)) мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: н.и.т., дотсенти
кафедраи БФИ ва Э
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Зоиров Ф.Б.

*Имзои н.и.т., дотсент дотсент Зоиров Ф.Б.-ро*
*тасдиқ мекунам:*

*Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи академик*
*М.С. Осимӣ* *Қодирзода Н. Ҳ.*